“Тасдиқ мекунам”
Ректори Донишгоҳи давлатии
Данғара, доктори илмҳои
иқтисодӣ, профессор
________ Хайрзода Ш.Қ.
“___” ________ соли 2023

ТАҚРИЗИ

муассисаи пешбар ба диссертатсияи Шарипов Ҳалим Ҳокимович дар мавзуи “Хусусиятҳои ташаккулёбии арзишҳои тарбияи ҷисмонии донишҷӯён - омӯзгорони оянда дар шароити муосири муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04-Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) пешниҳод шудааст

Муҳтавои таҳқиқоти диссертатсионии Шарипов Ҳалим Ҳокимович дар мавзуи “Хусусиятҳои ташаккулёбии арзишҳои тарбияи ҷисмонии донишҷӯён - омӯзгорони оянда дар шароити муосири муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ” ба шиносномаи ихтисоси илмии 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот: аз он ҷумла, ба банди 3 – «Антропологияи педагогӣ» (низомҳои /шароитҳои/ рушди шахс дар ҷараёни таълим, тарбия, таҳсилот;), банди 4 – «Назария ва консепсияи таълим» (қонуниятҳо, принсипҳои таълими кӯдак дар давраҳои гуногуни ба камол расидани ӯ; фардикунонӣ ва тафриқаи таълим; намудҳо ва амсилаҳои таълим, доираи татбиқи онҳо; технологияҳои таълим; консепсияҳои рушди таъминоти таълимӣ-тарбиявии раванди таълим ва воситаҳои таълим, махсусиятҳои таълим дар зинаҳои гуногуни таҳсилот) мутобиқат дорад.

Саҳми илмии довталаб дар ҳалли масъала ва коркарди мавзуи илмӣ.

Мубрамии мавзуи барои таҳқиқоти диссертатсионӣ интихобнамудаи Шарипов Ҳалим Ҳокимович бо он муайян карда мешавад, ки таҳқиқоти мазкур аз низомбандии маълумот оид ба масъалаҳои мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ, ҷамъоварии маълумоти озмоишӣ, таҳлил ва ҷамъбасткунии натиҷаҳо, пешниҳоди хулосаҳои асосии диссертатсия иборат мебошад. Низоми ватании тарбияи ҷисмонии ҷавонон ва донишҷӯён дар тӯли солҳои зиёд асоси

ташаккулёбии тандурустии ҷисмонии шахсияти мутахассисони оянда мебошад. Дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ  ҷараёни таълиму омӯзиши тарбияи ҷисмонӣ  ба вазифаҳои асосии омодагии ҷисмонӣ, тарбияи ҷисмонӣ ва таҳкими саломатии донишҷҷӯён мусоидат мекунад.

Яке аз вазифаи муҳими низоми омода намудани донишҷӯён – омӯзгорониояндаи коллеҷҳои омӯзгорӣ барои синфҳои ибтидоӣ – дар онҳо ташаккул додани арзишҳои тарбияи ҷисмонӣ дар фаъолияти педагогӣ ба ҳисоб меравад. Зеро тарбияи ҷисмонӣ дар қатори сифатҳои муҳиму асосии шахсият дохил буда, сатҳу дараҷаи фарҳанг ва рушду густариши онро тавсиф мекунад. Масъалаи рушди ҷисмонӣ гуфта, набояд танҳо омодагии ҷисмониро, балки донишҳо роҷеъ ба тарзи ҳаёти солим, таълими маҳорату малакаҳои ташкили фаъолнокиву ҳаракатро дар назар дошта бошад, ки вазифаҳои асосии он ташаккул додани таваҷҷуҳу рӯоварӣ ба ҳифзи устувории саломатӣ тавассути машқу машғулиятҳои ҷисмонӣ бояд иборат бошад.

Ба муаллиф муяссар шудааст, ки вижагиҳои методологӣ ва педагогии хусусиятҳои ташаккулёбии арзишҳои тарбияи ҷисмонии донишҷӯён - омӯзгорониояндаро муайян карда, шароити муосири муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбиро ошкор намояд. Механизмҳои муҳиммияти проблемаи ташаккулу рушди арзишҳои педагогӣ омӯзгори оянда – тарбияи ҷисмонӣ ва нокифоя будани таҳияву коркардҳои мукаммалу пухтаи тасаввуроти назариявӣ доир ба ин падида ва муҳайё будани таҷрибаи омодасозӣ ба фаъолияти омӯзгории донишҷӯёни коллеҷи омӯзгорӣ ба арзишҳои тарбияи ҷисмонӣ ва сусту заиф будани сатҳу дараҷаи он дар ин ҷодаро муайян карда, зарурияти ташаккули ҳадафмандии омодагии омӯзгорониояндаи коллеҷи омӯзгорӣ бо арзишҳои тарбияи ҷисмонӣ ва набудани амсилаю шароити педагогӣ аз ҷиҳати илмӣ асос ёфта ва  татбиқи онҳоро дар шароити муосир пешниҳод намудааст.

Аҳамияти таҳқиқоти диссертатсионии Шарипов Ҳалим Ҳокимович дар он аст, ки ҷиҳати ба даст овардани донишҳои илмӣ - методӣ дар бораи роҳандозии ҷараёни тарбияи ҷисмонӣ дар шароити хуби таълимӣ барои муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ, ки солҳои охир  дар шароити номусоиди таълимӣ қарор дошт, ки ин дар баланд бардоштани сатҳу сифати таҳсилот ва касбияти ихтисосмандон монеъа эҷод мекунад, иборат мебошад.

Асоснокkунии самт ва мазмуннок намудани машғулиятҳои тарбияи ҷисмонӣ, барои донишҷӯёне, ки дар шароити мусоиди муассисаҳои

таҳсилоти миёнаи касбӣ таълим мегиранд пешбинӣ карда шудааст. Онҳо дар баробари худ назарияи тарбияи ҷисмонии донишҷӯёнро бо маълумоти нав дар бораи имконоти шакл ва воситаҳо ва методҳои тарбияи ҷисмонӣ доир ба таъмини ҳаллу фасли вазифаҳои дар пеш гузошта шуда, дар шароити ғайристандартӣ ва нисбатан мураккаби таълим такмил мекунанд.

Аз ин лиҳоз, мавзуи барои таҳқиқоти диссертатсионӣ интихобнамудаи довталаб Шарипов Ҳалим дар шароити муосир бениҳоят мубраму муҳим ва дорои аҳамияти махсуси назариявию амалӣ буда, он бо дарназардошти талаботи замони муосир тавсияҳои илмӣ - амалӣ, ки хусусиятҳои ташаккулёбии арзишҳои тарбияи ҷисмонии донишҷӯён - омӯзгорони ояндаро таъмин мекунад, таҳия ва барои дифоъ пешниҳод шудааст.

Муаллифи диссертатсия мақсади таҳқиқот ва фарзияи онро дуруст муайян карда, барои анҷом додани пажуҳиши илмӣ ҳаллу фасли проблемаҳои муҳимро ба монанди: ҷустуҷӯ, муайянсозӣ ва асосноккунии роҳу усулҳои самараноки арзишҳои тарбияи ҷисмонии донишҷӯён-омӯзгорони ояндаро, ки дар шароити муосири муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ба фаъолият оғоз мекунанд пешниҳод менамояд, агар:

- ягонагии назариявӣ ва амалии омодасозии омӯзгорони оянда ба рушду худинкишофёбӣ ва ташаккули омодагии фаъолияти касбӣ нигаронида шаванд ;
- моҳият ва мазмуни маҷмуи машқҳои тарбияи ҷисмонӣ тавсиф карда шуда, дар шароити муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ мавриди корбаст қарор дода шаванд;
- амсилаи ташаккули арзишҳои тарбияи ҷисмонии донишҷӯёни коллеҷҳои омӯзгорӣ - омӯзгорониояндаи синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ коркард ва мавриди истифода қарор дода шавад.

Таҳлилу баррасии натиҷаҳои дар ҷараёни таҳқиқот ва корҳои таҷрибавӣ-озмоишии бадастовардаи унвонҷӯй Шарипов Ҳалим Ҳокимович аз он далолат мекунанд, ки фарзияҳои аз ҷониби муаллифи диссертатсия пешниҳодшуда тасдиқи амалии худро ёфтаанд.

Боби якуми диссертатсия “Асосҳои назариявӣ-методологии инкишофи тарбияи ҷисмонии донишҷӯён дар шароити муосири муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ” ба таҳлилу баррасии ҷанбаҳои назариявӣ ва моҳияти тарбияи ҷисмонӣ дар низоми таҳсилоти миёнаи

касбӣ, асосҳои психологӣ-педагогии рушди ва самтҳои асосии беҳдоштӣ-профилактикии ташкили он бахшида шудааст.

Дар зербоби аввали боби мазкур ҷанбаҳои назариявӣ ва моҳияти тарбияи ҷисмонӣ дар низоми таҳсилоти миёнаи касбӣ бо дарназардошти таҳлилу таҳқиқи асарҳои муҳаққиқони хориҷию ватанӣ аз қабили В. К. Басевич, М. И. Любишева, В. И. Ляк, И. В. Манжелей, В. И. Столяров, С. В., Бистритская, Р. А. Абзалов, В. Зиятдинов, А. В. Логинов, Д. А. Никифаров, В. С. Биков, С. В Михаилова, В.Д Гончаров, С.А. Игнатев, В.П Лукяннко, А.С. Матвеев, А.А. Никитина, Н.А. Лономарев, Г.М. Соловев, Ш. Сафаров, А.Турсунов ва дигарон тарбияи ҷисмонӣ ҳамчун заминаи рушди ҳамаҷонибаи қобилиятҳои ҷисмонӣ ва маънавии инсон, худамалисозии вай, густариши қобилиятҳои маънавӣ ва ҷисмонӣ тавассути фаъолияти ҷисмонӣ, аз бар кардани онҳо бо дигар арзишҳои ҷисмонӣ баррасӣ мегардад.

Дар зербоби дуюми боби аввал Шарипов Ҳалим пешниҳод мекунад, ки ҳадафи фанни тарбияи ҷисмонӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ – ин тарбияи шахсият ва мутахассиси ҳамаҷониба инкишофёфта мебошад. Ин дар сурате имконпазир мегардад, ки дар ҷараёни тарбияи ҷисмонӣ маҷмуи вазифаҳои тарбиявӣ, маърифатӣ, инкишофдиҳанда ва хислати беҳдоштидошта ҳаллу фасл карда шаванд. Зимни таҳлили сарчашмаҳои марбута вазифаҳои зерини фанни тарбияи ҷисмонӣ равшан мегарданд: инкишофи шахсият ва омодагии ӯ ба иҷрои вазифаҳои касбӣ; иншикшофи шахсият ва омодагии донишҷӯён ба фаъолияти ояндаи касбӣ; ташаккули асоси донишҳо оид ба тарзи ҳаёти солим; ташаккули талабот ва шавқу рағбати донишҷӯён дар бобати машғул шудан ба машқҳои ҷисмонӣ ва варзиш; аз тарафи донишҷӯён аз худ гаштани донишҳои методию амалӣ, малака ва маҳоратҳое, ки имкон медиҳанд сифатҳои ҷисмонии ҳаётии организм дар сатҳи лозима нигоҳ дошта шаванд; омодагии касбӣ, ҷисмонӣ, физиологӣ ва равонии донишҷӯён нисбат ба фаъолияти касбии оянда; истифодаи мақсадноки машқҳои ҷисмонӣ, методҳо, методика ва технологияҳои тарбияи ҷисмонӣ барои дастрасӣ ба ҳадафҳои ҳаётӣ ва касбӣ.

Дар диссератсия таъкид карда мешавад, ки ба қоидаҳои беҳдоштӣ-профилактикии ташкили машғулиятҳои тарбияи ҷисмонӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар он ифода меёбад, ки мувофиқи маълумоти Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон бемор шудани донишҷӯён наздики 56,0 %-ро ташкил медиҳад. Мутахассисон ба андешае омадаанд, ки сабаби асосии бемор шудани донишҷӯён ин камҳаракатӣ ва шиддати аз ҳад зиёди кори зеҳнӣ ва ҳолати эмотсионалӣ

ва иттилоотӣ аз меъёр зиёд мебошад. Таъкид мегардад, ки самаранокии таълими фаъолияти ҳаракатӣ ба ташкили омилҳои беруна алоқамандии мустақим дорад, чунки аз як тараф мустақиман ба ҷараёни аз худ кардани машқҳои ҷисмонӣ таъсир мерасонанд, аз сӯйи дигар дараҷаи татбиқи вазифаҳои беҳдоштиро (тозагии маҳалли машғулият, ҳаво ва амсоли инҳо) муайян мекунад.

Муаллифи таҳқиқот оид ба ҳар як масъалаи дар зербобҳо баррасишуда андешаҳои шахсии худро аз назари интиқодӣ баён сохта, вобаста ба онҳо пешниҳоду тавсияҳо манзур кардааст.

Боби дуюми диссертатсия ба масъалаи таҳқиқи амалии маҳсулнокии вориднамоии технологияи педагогии баргузории машғулияти тарбияи ҷисмонӣ барои донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ тавассути озмоиши педагогӣ бахшида шудааст.

Дар зербоби аввали боби мазкур натиҷаи озмоиш ҷиҳати муайян намудани маромнокии донишҷӯёне, ки ба муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дохил мешаванд, арзёбии ҳолати функсионалии донишҷӯён зери таъсири шароити номусоиди таълимӣ оварда шудаанд.

Тибқи натиҷаҳои пурсишнома (К. Земпфир) аксарияти донишҷӯён (85, 0-97, 0%) ба ин тахассасус бошуурона дохил мешаванд, чунки ҳанӯз дар марҳилаи таҳсил дар мактаби миёна дар чаҳорчӯби касбинтихобкунӣ онҳо ин касбро интихоб кардаанд ва дорои тасаввуроти комил дар бораи вазифаҳои мутахассис мебошанд ва хоҳиш доранд омодагии касбиро доир ба ин самту тахассус касб кунанд.

Бо мақсади муайян кардани динамикаи солона ки дар асоси он метавон тағйироти баамалоянда дар арзёбии ҳолати функсионалии донишҷӯён дар зери таъсири шароити номусоиди таълимӣ муайян кард, марҳилаи минбаъдаи таҳқиқот сурат гирифтааст. Барои ба даст оврадани ахбори мавриди таваҷҷуҳ методикаи нишондиҳандаҳои саломатӣ, фаъолнокӣ, вақтхушӣ, истифода шуданд. Тестҳо дар давоми соли таҳсил дар охирин рӯзи ҷумъаи ҳар моҳ пас аз соати сеюми дарсӣ бевосита дар синфхонаҳо доир карда шуда, барои гузаронидани таҳлили муқоисавӣ ду гурӯҳ созмон додаанд: гурӯҳи якуми озмоишӣ аз теъдоди донишҷӯёне, ки дар шароити номусоиди таълимӣ таҳсил мекунанд иборат будааст.

Натиҷаҳои коркарди омории маълумоти бадастомада имкон додааст, ки ҳар кадоме аз нишондиҳандаҳои саломатӣ, фаъолнокӣ, вақтхушӣ дорои динамикаи солонаи хеш мебошанд. Бо таваҷҷуҳ ба саломатӣ, фаъолнокӣ ва вақтхушӣ дар якҷоягӣ дар байни гурӯҳҳои озмоишӣ ва назоратӣ муқоиса гузаронида қайд кардааст, ки донишҷӯёне, ки дар шароити номусоиди таълимӣ қарор доранд дар онҳо тағйироти

назаррас ба қайд гирифта шудааст ва нақшаи овардашуда низ далели ин гуфтаҳо мебошад. Дар он тағйирот аз моҳи сентябр то декабр ва аз моҳи декабр то май ба назар мерасанд. Дар донишҷӯёне, ки дар шароити хуби таълимӣ таҳсил мекунанд, ин тағйирот камтар ба мушоҳида мерасанд.

Иштирокчиёни таҷрибаи педагогӣ донишҷӯёни коллеҷи омӯзгории Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, аз рӯи ихтисоси «Тарбияи ҷисмонӣ» таҳсил мекарданд, ки ба ду зергурӯҳ тақсим карда шуданд: 1) донишҷӯён дар шароити муқаррарии таълимӣ – назоратӣ; 2) донишҷӯён дар шароити номусоиди таълимӣ – озмоишӣ.

Дар диссертатсия қайд карда мешавад, ки мақсади асосии озмоиш бартараф кардани ақибмонӣ дар нишондиҳандаҳои омодагии ҷисмонии донишҷӯёне, ки дар шароити номусоиди таълимӣ таҳсил мекунанд, иборат буда, вобаста ба ин, ба сохтори машғулияти тарбияи ҷисмонӣ тасҳеҳот ворид карда шудааст.

Аз муқоисаи байнигурӯҳӣ метавон натиҷагирӣ кард, ки донишҷӯёне дар шароити номусоиди таълимӣ таҳсил мекунанд, муносибати онҳо нисбат ба тарбияи ҷисмонӣ оҳиста – оҳиста коста мегардад. Ба назари мо, ин ба он алоқаманд аст, ки номусоидии шароит онҳоро аз тарбияи ҷисмонӣ дур кардааст ва ин далелҳои муътамади даст кашидан аз ҳаракти фаъолонаро доранд. Аз он ҷумла, 76,8 % онҳо ба нарасидани вақт ишора кардаанд, ки вақти онҳо барои супоришҳои дигар сарф карда мешавад. Дар айни ҳол 73,2 % қайд карданд, ки онҳо майлу хоҳиши машғул шудан ба варзишро надоранд, барои он ки ин як чизи ба истилоҳ нолозим буда ва мазуни машғулият барои онҳо шавқманд ва ҷолиб намебошанд (62,5 %). Дар гурӯҳҳое, ки шароити хуби таълимӣ доранд, теъдоди камтари донишҷӯён сабабҳои объективӣ ва субъективиеро, қайд кардаанд, ки садди роҳи фаъолнокии онҳо нисбат ба машғулияти тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш мебошанд.

Ҳамин тариқ, дар сатҳи 50,0 % донишҷӯён ба ғайриқаноаткунанда будани мазмуни машғулияти тарбияи ҷисмонӣ ва набудани малакаҳои ташкили машғулияти мустақилона ишора кардаанд. Ба сабабҳои дигар аз 16 то 34 % пурсидашудагон таъкид мекунанд.

Дар рафти корҳои озмоишӣ мақсад ва вазифаҳои таҳқиқоти озмоишӣ ҳалли худро ёфта, бо истифода аз усулҳои эмпирикии мухталиф натиҷагирӣ ва ҷамъбаст карда шудаанд.

Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ва корҳои озмоишӣ, ки дар шакли хулосаи бобҳо, хулосаҳои умумӣ ва тавсияҳои методӣ коркард ва пешниҳод шудаанд, аз он шаҳодат медиҳанд, ки аз ҷониби муаллифи диссертатсия таҳқиқоти дорои арзиши баланди илмиву амалӣ мураттаб

шудааст ва истифодаи натиҷаҳои таҳқиқот дар амалияи таълим бе шак ба низоми омода намудани донишҷӯён – омӯзгорони ояндаи коллеҷҳои омӯзгорӣ мусоидат хоҳад кард.

Натиҷаҳои мушаххаси илмӣ: навгонӣ, аҳамияти илмӣ ва амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ. Навгонии илмии таҳқиқот дар он зоҳир мешавад, ки муаллифи кори таҳқиқотӣ асосҳои методологии омӯзиши проблемаи муносибатҳои назариявӣ, методологӣ ва асосҳои психологӣ-педагогии рушди тарбияи ҷисмонӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбиро муайян карда, самтҳои асосии беҳдоштӣ-профилактикии ташкили машғулиятҳои тарбияи ҷисмонӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ аниқ карда, технологияи баргузории машғулияти тарбияи ҷисмонӣ таҳия шуда, хусусиятҳои хоси он дар раванди таълими муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ муайян карда шуданд. Инчунин технологияи педагогии машғулиятҳои тарбияи ҷисмонӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии равияи омӯзгорӣ коркард шуда, мавриди озмоиш қарор дода шуда, самаранокии он дар ташаккули арзишҳои тарбияи ҷисмонии донишҷӯён-омӯзгорони ояндa дар шароити муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ собит шудааст.

Ҳамзамон исбот карда шудааст, ки асосноккунии самт ва мазмуннок намудани машғулиятҳои тарбияи ҷисмонӣ, барои донишҷӯёне, ки дар шароити мусоиди муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ таълим мегиранд пешбинӣ карда шудааст. Онҳо дар баробари худ назарияи тарбияи ҷисмонии донишҷӯёнро бо маълумоти нав дар бораи имконоти шакл ва воситаҳо ва методҳои тарбияи ҷисмонӣ доир ба таъмини ҳаллу фасли вазифаҳои дар пеш гузошта шуда, дар шароити ғайристандартӣ ва нисбатан мураккаби таълим такмил мекунанд.

Хулосаи мантиқии таҷрибаи озмоишии бозтавлидшуда асоси шавқу рағбат, арзёбии аҳамият ва иддао нисбати машғулиятҳои тарбияи ҷисмонӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ зимни баён намудани онҳо дар асоси ҳаллу фасли вазифаҳои асосӣ ва махсус (иловагӣ) пойгоҳи назариявиро дар бораи падидаи тарбияи ҷисмонӣ дар ҷараёни тарбияи ҷисмонӣ дар мактаби муосир васеъ менамояд.

Аҳамияти илмии таҳқиқоти диссертатсионии Шарипов Ҳалим аз навгонии илмӣ ва натиҷаҳои таҳқиқот бар меояд, ки нуктаҳои зерин муаррифгари онанд:

ҷанбаҳои назариявӣ ва моҳияти тарбияи ҷисмонӣ дар низоми таҳсилоти миёнаи касбӣ мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор дода шуда, ошкор карда шуданд;

- асосҳои психологӣ-педагогии рушди тарбияи ҷисмонӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ муайян карда шуданд;

- самтҳои асосии беҳдоштӣ-профилактикии ташкили машғулиятҳои тарбияи ҷисмонӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ аниқ карда шуданд;

- технологияи баргузории машғулияти тарбияи ҷисмонӣ таҳия шуда, хусусиятҳои хоси он дар раванди таълими муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ муайян карда шуд;

- технологияи педагогии машғулиятҳои тарбияи ҷисмонӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии равияи омӯзгорӣ коркард шуда, мавриди озмоиш қарор дода шуд ва самаранокии он дар ташаккули арзишҳои тарбияи ҷисмонии донишҷӯён-омӯзгорони оянда дар шароити муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ собит карда шуд.

Аҳамияти амалии таҳқиқоти анҷомдодаи Шарипов Ҳалим дар он зоҳир мегардад, ки:

- самтҳои афзалиятноки тарбияи ҷисмонӣ, ки ба баланд бардоштани сатҳи омодагии ҷисмонии донишҷӯёни таълимгиранда дар шароитҳои номусоиди таълимӣ таҳсил мекунанд, мусоидат мекунад, мураттаб карда шудааст;

- мазмун ва мундариҷаи машғулиятҳои таълимии тарбияи ҷисмонӣ барои донишҷӯёне, ки дар шароити номусоиди таълимӣ таҳсил карда. имконияти иҷрои нақшаю барномаҳои таълимиро надоранд, таҳия карда шудааст;

- шаклҳои хурди машғулиятҳои варзишӣ дар намуди машқҳои ҷудогона ва маҷмуи онҳо барои иҷро намуданашон дар шароити хона, ки рушди мақсадноки сифатҳои муайяни ҷисмониро чун василаи такмил барои сарбориҳои ҷисмонӣ, ҷиҳати иҷрои онҳо дар машғулиятҳои таълимӣ таъмин мекунанд ба шароити муосир мутобиқ карда шудаанд;

- тавсияҳои методӣ доир ба ташкил ва татбиқи машғулиятҳои таълимӣ ва мустақилона, инчунин низоми алоқаи баргаштӣ ва назорат аз болои иҷроиши супоришҳо ва динамикаи тағйироти ба амалоянда таҳия карда шудаанд;

- роҳу усулҳои самараноки фаврии барқарор намудани қувваи кории донишҷӯён дар қисмати дуюми рӯзи таълимӣ, ки истифодаи онҳо иштироки фаъоли донишҷӯёнро дар ҷараёни таълим таъмин мекунанд

<u>Дараҷаи асосноккунии нуктаҳои илмӣ.</u> Аз ҷониби муҳаққиқ ба таври муфассал корҳои илмии олимони намоёни тоҷик, рус ва мамолики Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (ИДМ) роҷеъ ба фаъолияти педагогӣ-

психологӣ оид ба ташаккули тарбияи ҷисмонӣ, асарҳои илмӣ-таҳқиқотии ба мавзуъ дахлдори муҳаққиқони муосири Тоҷикистон, Россия ва давлатҳои узви ИДМ, андешаҳои намояндагони соҳаи маориф дар маҷаллаҳои илмӣ-педагогӣ ва дигар нашрияҳои илмӣ-публисистӣ, маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ, маводи интернет, таҳқиқоти бунёдии олимони тоҷик ва ғайра, ки ба мавзуи кори диссертатсионӣ бахшида шудаанд, омӯхта шудааст.

Боэътимодии натиҷаҳои таҳқиқот дар он зуҳур меёбад, ки муқаррароти назариявии таҳқиқот ба таври кофӣ далелнок карда шуда, дар асоси таҳлилу арзёбии адабиёти илмӣ ва кори таҷрибавию озмоишӣ оид ба мавзуи таҳқиқот анҷом ёфтаанд. Инчунин он бисёрҷанба ва тулонӣ ба иҷро расида, дар ҷараёни он мутобиқати пурраи асосҳои назариявӣ, ки аз таҳлили андешаҳои педагогии олимон, омӯзгорон ва равоншиносон ба даст омадаанд, бо методҳои муносиби омӯзиши ин мавзуъ собит гардидааст ва ин имкон медиҳад ба хулосае оем, ки хулосаҳо ва муқаррароти ниҳоии таҳқиқот боэътимод ва асоснок мебошанд.

Дастовардҳои таҳқиқот бо такя ба методологияи илмӣ, манбаъҳои гуногуни иттилооти илмӣ, методӣ, педагогӣ, психологӣ, таҳлилу таърифи бисёрсатҳаи мафҳумҳои асосӣ, истифодаи мақсадноки методҳои ҳамдигарро мукаммалкунандаи таҳқиқотӣ, ки ба ҳадаф, предмет, вазифа ва мантиқи таҳқиқот мувофиқанд, таъмин карда шуданд.

Натиҷаҳои таҳқиқот дар семинарҳои илмӣ-методӣ ва илмӣ-амалии
Натиҷаҳои таҳқиқот дар семинарҳои илмӣ-методӣ ва илмӣ-амалии
Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, Коллеҷи омӯзгории Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав ва Коллеҷи омӯзгории ноҳияи Вахш, ҷаласаҳои кафедраҳои педагогика, тарбияи ҷисмонӣ ва омодагии дифои ҳарбии донишгоҳу коллеҷҳои зикршуда, дар шуроҳои илмӣ-методии муассисаҳои таълимии номбурда муҳокима ва мавриди тасвибу озмоиш қарор дода шуданд.

Муқаррароти асосии кори диссертатсионӣ ҳамчунин дар интишороти муаллиф тавассути нашри мақолаҳои илмӣ дар нашрияҳои илмӣ ва ироаи маърузаҳо дар чорабиниҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ: конференсияҳо, семинарҳо ва мизҳои мудаввар тасвиби худро ёфтаанд.

Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ мазмуни асосии таҳқиқотро ифода карда, дар ду номгӯй дастури таълимӣ, ду номгӯй барномаи таълимӣ ва 16 номгӯй мақолаҳои илмӣ, ки 9 номгӯй аз онҳо

дар нашрияҳои илмии тақризшавандаи феҳристи тавсиянамудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 2 номгӯй дар маҷмуаи маводи конференсияҳо ба табъ расидаанд, инъикоси худро ёфтаанд.

Дар асоси омӯзиши маъхазҳои илмӣ ва гузаронидани корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ муаллифи диссертатсия ба хулоса омадааст, ки дар шароити маҳдудияти марбут ба дараҷаи баланди шуғли донишҷӯён дар раванди таълим, шаклҳои мувофиқ ва дастраси ташкилӣ дар системаи тарбияи ҷисмонӣ барои донишҷӯёне, ки дар шароити номусоиди таълимӣ таҳсил менамоянд, инҳоянд:

- машғулияти омӯзишӣ ҳамчун шакли асосие, ки иҷрои вазифаҳои асосии тарбияи ҷисмониро таъмин менамояд ва ба нигоҳ доштани ҳолати ҷисмонии донишҷӯёне, ки таҳти фишори доимии вазнини таҳсилӣ қарор мегиранд, мусоидат мекунад;

- омӯзиши мустақилона дар вақти беруназсинфӣ дар шакли хурд, ки иҷрои машқҳои ҷисмонии инфиродӣ ё маҷмӯи онҳоро пешбинӣ мекунанд;

- дарсҳои солимгардонӣ ва барқарорсозӣ, ки ба пуррасозии фаврии ҳолати функсионалии бадан ва фаъолияти ақлӣ тавассути тарбияи ҷисмонӣ дар давоми рӯзҳои дарс равона карда шудаанд.

Аз ин лиҳоз, асосҳои методологӣ ва назариявии таҳқиқоти Шарипов Ҳалим ягон шубҳаангез набуда, боэътимод ва боварибахшанд. Муаллифи диссертатсия дониши хуби назариявӣ дошта, дорои қобилияти таҳлилу таҷзия намудани натиҷаҳои таҳқиқот аст, андешаву назари илман асосноки худро пешниҳод намудааст, ки ба ҳаллу фасли масъалаҳои мубрами хусусиятҳои ташаккулёбии арзишҳои тарбияи ҷисмонии донишҷӯён - омӯзгорони ояндаро таъмин мекунад, равона карда шудаанд.

Пояи таҳқиқотӣ ва татбиқи амалии нуктаҳои илмӣ, методҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, корҳои анҷомдода дар ҳар як давраи таҳқиқот, мантиқи фикррони ба талабот ҷавобгӯ мебошанд.

Муаллифи диссертатсия тавассути баргузории корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ собит сохтааст, ки усулҳои умуминазариявии таҳлил ва синтез, мушаххаскунӣ ва ҷамъбасткунӣ, умумикунонӣ ва ҳамгунсозӣ, шакливазкунӣ ва тағйирдиҳӣ, усули гузариш аз мафҳумҳои умумиятёфта ба мафҳумҳои мушаххас, усулҳои амсиласозии ҳолатҳои имконпазир, таҷрибаи фикрӣ ва таҳқиқоти монографӣ ташкил мекунанд. Дар баробари заминаҳои эмперикии мазкур ҳангоми ба даст омадани натиҷаҳои таҳқиқот методи арзёбӣ, методикаи банақшагирии

самараноки тачрибаҳо, назарпурсӣ, мусоҳиба, суҳбат, мушоҳида, таҳлили натичаи озмоишҳо, корҳои тачрибавӣ-озмоишӣ, аз чумла, озмоиши санчишии хулосаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар амал мавриди истифода қарор дода шуданд.

Натичаҳои таҳқиқоти илмӣ ва тавсияҳои пешниҳодшуда собит намуд, ки дар ташкили рушди фаъолнокии маърифатии донишчӯён коллективи устодон, ки барои пешбурди ин фаъолият донишу малакаи заруриро доранд, нақши асосӣ мебозад. Таҳқиқот имкон дод, ки самтҳои нави проблемаи таҳқиқшаванда муайян карда шавад, ки он ба тариқи зайл аст:

- ошкор карда шуд, ки чараён гирифтани таълим дар шароити номусоид ва дастрас набудани лавозимоти варзишӣ барои ичрои машқҳои тарбияи чисмонӣ асоси коҳиш ёфтани нишондиҳандаҳои функсионалии ҳолати организм, қобилияти зеҳнӣ, омодагии чисмониву касбӣ ва зиёд шудани бемории мегардад;
- дар ҳолати дастрасӣ ба лавозимотҳои варзишӣ ва хуб ба роҳ мондани шароити таълимӣ дар муассисаи таҳсилоти миёнаи касбӣ ташкил кардани машғулиятҳо, намудҳои хурди машғулиятҳои варзишӣ дар шакли машқҳои алоҳида ва ё мачмӯаҳо барои ичро кардани машқҳои беҳдоштӣ имконият медиҳанд;
- дар нимаи дуюми рӯзи таълимӣ барои баромадан аз ҳолати хасташавӣ ва дастгирии кори фикрии донишчӯён иштироки онҳо дар маҳфилҳо, озмунҳо, олимпиадаҳо ва дигар вохӯрию чорабиниҳои варзишӣ мувофиқи мақсад аст.

Баҳогузории ягонагии дохилии натичаҳои бадастомада. Ягонагии натичаҳои бадастомадаро аз чониби довталаби дарачаи илмӣ риоя гардидани муҳлати марҳалаҳои таҳқиқот, мавриди истифода қарор додани методҳои мувофиқ ба объект, мавзуъ, ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот, интихоби дурусти микдору ҳачми гурӯҳҳои озмоишӣ, имконияти воқеии тасвиби озмоиш дар амалияи таълиму тарбия таъмин намудаанд.

Автореферати диссертатсия дар сатҳи хуб таҳия гардида, ба мазмуни диссертатсия мувофиқ ва тасаввуроти аникро доир ба моҳияти таҳқиқоти гузаронидашуда ва натичаҳои бадастовардаи муаллиф медиҳад. Мақолаҳои нашрнамудаи унвончӯй муҳтавои асосии таҳқиқоти диссертатсиониро инъикос мекунанд.

Эродҳо ба кори диссертатсионӣ. Дар баробари дастовардҳои муҳимми зикршуда, диссертатсия ва автореферати он аз камбудиву норасоиҳо низ холӣ нест, ки зикри онҳо барои такмили минбаъдаи

таҳқиқоти диссертатсионӣ муфид хоҳад буд, аз ҷумла:

1. Бисёр хуб мешуд, ки унвонҷӯ аз таҷрибаи бевоситаи касбии худ. Ки дар фаъолияти корияш дучор шудааст дар диссертатсия ҷой дода, ин масъаларо мавриди таҳлилу баррасӣ қарор медод.

2. Агар дар қисми тачрибавӣ – озмоишии таҳқиқот донишҷӯёни коллеҷи тарбияи ҷисмонӣ низ ҷалб ва иштирок мекарданд, арзишмандии кори илмӣ ба маротиб баланд мешуд.

3. Муаллифи диссертатсия таъкид кардаанд, ки имконияти иловагӣ барои ҷалби донишҷӯёне, ки дар шароити сарбории таълимии аз меъёр зиёд ба машқҳои ҷисмонӣ таҳсил мекунанд, шаклҳои хурди тарбияи ҷисмонӣ дар шакли супоришҳо барои иҷрои як машқи мушаххас ё якчанд машқҳои хонагӣ мебошанд. Бисёр хуб мешуд, агар довталаб барои исботи ин андешааш намунаеро аз шакли супоришҳо барои иҷрои як машқи мушаххас ё якчанд машқҳои хонагӣ дар диссертатсия манзур мекарданд.

4. Дар матни диссертатсия ва автореферати он ғалатҳои грамматикӣ, имлоӣ ва техникӣ ба назар мерасад, ки ислоҳи онҳо барои боз ҳам беҳтар шудани сифати кор мусоидат хоҳад кард.

Бояд зикр кард, ки норасоиву ғалатҳои зикргардида ба арзиши илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ ба ягон ваҷҳ халал ворид намесозанд.

## ХУЛОСА

Диссертатсияи Шарипов Ҳалим Ҳокимович дар мавзуи "Хусусиятҳои ташаккулёбии арзишҳои тарбияи ҷисмонии донишҷӯён - омӯзгорони оянда дар шароити муосири муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 – Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ)пешниҳод шудааст, ба талаботи Низомномаи Шӯрои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаи илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, авторефератҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда доир ба мавзуи диссертатсия ҷавобгӯ буда, муаллифи он Шарипов Ҳалим Ҳокимович сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04- Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) мебошад.

Тақриз аз тарафи эксперт, номзади илмҳои педагогӣ, иҷрокунандаи вазифаи дотсенти кафедраи педагогика ва психологияи Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии Данғара” Гулзода Н. А. мураттаб шудааст.

Тақризи муассисаи пешбар дар ҷаласаи васеи семинари илмӣ-назариявии кафедраи педагогика ва психологияи Донишгоҳи давлатии Данғара, ки дар он довталаби дараҷаи илмӣ Шарипов Ҳалим Ҳокимович иштирок ва бо маъруза баромад намуд, баррасӣ ва тасдиқ шудааст. Дар ҷаласаи муштараки васеи семинари илмӣ-назариявии кафедра 24 нафар нафар устодону омӯзгорони донишгоҳ иштирок намуданд.

Натиҷаи овоздиҳӣ: "тарафдор" - 14 нафар, "бетараф" - нест, "муқобил" - нест (қарори ҷаласаи васеи семинари илмӣ-назариявии кафедраи педагогика ва психология аз 27.10.2023, №3).

Раиси ҷаласаи васеи семинари
илмӣ-методӣ, мудири кафедраи педагогика
ва психология Донишгоҳи
давлатии Данғара, номзади илмҳои
педагогӣ, и.в. дотсент Ғафурова Д.Ҷ.

Эксперти таҳқиқоти диссертатсионӣ,
и.в. дотсенти кафедраи педагогикаи
Донишгоҳи давлатии Данғара,
номзади илмҳои педагогӣ Гулзода Н.А.

Котиби ҷаласаи васеи
семинари илмӣ-назариявӣ,
номзади илмҳои педагогӣ, и.в. дотсент Набиев Ҷ.Ғ.

30.11.2023

Маълумот барои тамос: 735320, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон, ноҳияи Данғара, кӯчаи Маркази 25; Тел: +992 833122-28-06, +992 553 555765; +992907773610; E-mail: dddangara_2013@mail.ru, dilorom.gafurova.@mail.ru; www.dsu.tj

Имзои Д.Ҷ. Ғафурова, Н.А. Гулзода,
Ҷ.Ғ. Набиевро тасдиқ мекунам.

Мудири шуъбаи кадрҳо ва
корҳои махсуси МДТ Донишгоҳи
давлатии Данғара Тоирзода С.Т.

ШУЪБАИ КАДРҲО